# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

Шурои диссертатсионии 6D КОА-057-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадии Сафари Нусратулло дар мавзӯъи
"Асосноккунии геоэкологӣ, бехатар ҷойгиронӣ, нигоҳдорӣ ва дафни партовҳои саноати кӯҳии майдони маъдании Чоре (Тоҷикистони Марказӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01 – Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ)

Комиссия барои экспертизаи диссертатсияи Сафари Нусратулло дар мавзӯъи "Асосноккунии геоэкологӣ, бехатар ҷойгиронӣ, нигоҳдорӣ ва дафни партовҳои саноати кӯҳии майдони маъдании Чоре (Тоҷикистони Марказӣ)" бо қарори ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D КОА-057 (протоколи №19 аз 13.02.2024) дар ҳайати зерин таъсис дода шудааст:

Муртазоев У. И. – доктори илмҳои географӣ, профессор – раис;

Гадоев М. Л. – номзади илмҳои геология ва минералогия, муовини директор оид ба илм ва таълими ИГСЗТС АМИТ, узви Комиссия;

Ғафуров Ф. Г. – номзади илмҳои геология ва минералогия, мудири лабораторияи Геодинамикаи фанерозой ва петрогенезиси ИГСЗТС АМИТ, – узви Комиссия.

Диссертатсия фарогири 145 саҳифаи чопи компютерӣ буда, иборат аз 5 боб, хулоса, рӯйхати адабиёт (167 номгӯй), 21 расм ва 19 ҷадвал аст.

Рисолаи илмии ба анҷомрасонидаи Сафари Нусратулло ба мавзӯъи муҳим ва мубрами рӯз омӯзиши партовҳои саноати истихроҷи маъдан ва истифодабарии онҳо, оқибатҳои ифлосшавии антропогении муҳити табиӣ дар мисоли кони калони тиллои таҳҷоии Чоре, воқеъ дар қисмати Тоҷикистони Марказӣ мебошад. Масоили партовҳо дар натиҷаи ногузирии муносибати истеъмолкунандагон ба сарватҳои табиӣ ба миён омадааст.

Сатҳи омӯзиши мавзӯъ дар ин минтақа дар айни замон нокифоя буда, он ба роҳ мондани таҳқиқоти иловагиро талаб мекунад. Ва маҳз, ин нуқта мақсади ба роҳ мондану гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ ва омода гаштани диссертатсияи Сафари Нусратулло интихоб карда шудааст.

Мақсади асосии рисолаи диссертатсионӣ баланд бардоштани бехатарии геоэкологии партовҳои майдони маъданӣ Чоре ва ҳудудҳои ҳамҷавор тавассути пиёда намудан ва ба амал баровардани маҷмӯи тадбирҳои экологӣ, таҳияи тадбирҳо оид ба пешгирии ифлосшавии минбаъда ва беҳтар намудани вазъи номусоиди геоэкологӣ мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқотие, ки унвонҷу назди хеш қарор додааст ба мақсади он мутобиқ мекунанд.

Навгониҳои илмии таҳқиқот ошкоркунии қонуниятҳои тағйирёбии таркиби кимиёвӣ-физикии обҳои сатҳӣ ва зеризаминӣ, қабати грунтӣ дар ҳудудҳои дафншудаи партовҳои саноати кӯҳии партовгоҳи Чоре ва ҳудудҳои ҳамҷавор, азнавсозии партовҳои партовгоҳ бо мақсади пешгирии партовҳои

истихроҷи маъданӣ ва саноатӣ ва полоиш кардани оби партов аз ҳудуди партовгоҳи Чоре ва ҳудуди ҳамҷавор, муайянкунии андозаҳои оптималии технологияҳои ҳифзи муҳити зист маҳсуб мешаванд.

Натиҷаҳои бадастомада аҳамияти назариявӣ ва илмӣ-амалӣ дошта, дар коҳиш додани таъсири манфӣ ва мониторинги геоэкологии минтақаи таъсири партовгоҳи Чоре ва ҳудудҳои ҳамҷавор барои истифода дар тарҳрезии тадбирҳои экологӣ дар Кумитаи ҳолатҳои фавқуллода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ истифода мешаванд. Гузашта аз он, натиҷаҳои ба дастомада дар раванди таълиму тадрис ҳангоми гузаронидани дарсҳои лектсиониву амалӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии омузгорӣ ба номи С. Айнӣ тавсия шудаанд.

Саҳми шахсии довталаб дар муайян намудани ҳадафҳо, вазифаҳо ва таҳияи усулҳои тадқиқот, иштироки бевосита дар намунабардории ҷинсҳо, маъданҳо, хок, обҳои рӯизаминӣ ва таҳлили минбаъдаи сифатии онҳо дар лабораторияҳо, таҳияи матни диссертатсия, мақолаҳо, иштирок ва баромад дар кори конференсияҳо зуҳур меёбад.

Комиссияи экспертии Шуро таҳқиқоти диссертатсионии Сафари Нусратуллоро мавриди баррасӣ қарор дода, ба чунин хулоса омад.

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Сафари Нусратулло “Асосноккунии геоэкологӣ, бехатар ҷойгиронӣ, нигоҳдорӣ ва дафни партовҳои саноати кӯҳии майдони маъдании Чоре (Тоҷикистони Марказӣ)” ба ихтисоси 25.00.36 - Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат ва соҳаи илмҳои геология ва минералогия, ки аз рӯйи он ба Шурои 6D КОА-057-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқ аст.

Муҳтавои диссертатсияи Сафари Нусратулло, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва  минералогия аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01 – Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ)  пешниҳод шудааст ва автореферати он ба бандҳои зерини ин ихтисос мутобиқат менамояд:

1.8. Муҳити табиӣ ва геоиндикаторҳои тағйирёбии он дар зери таъсири урбанизатсия ва фаъолияти хоҷагии инсон: олудашавии химиявию радиоактивии хокҳо, ҷинсҳои кӯҳӣ, обҳои руизаминӣ ва зеризаминӣ ва камшавии захираҳои онҳо.

1.9. Арзёбии ҳолат, тағйирот ва идоракунии ландшафтҳои замони ҳозира.

1.16. Ҷанбаҳои геоэкологии рушди устувори минтақаҳо.

1.17. Арзёбии геоэкологии ҳудудҳо. Усулҳои муосири харитасозии геоэкологӣ, системаҳои иттилоотӣ дар геоэкология.

3.3. Ҷанбаҳои геоэкологии истифодаи оқилона ва ҳифзи сарватҳои зеризаминии қаъри Замин ва эҳёкунии (рекултиватсияи) ҳудудҳои дар раванди истихроҷ ва азхудкунии маъданҳои сахт вайроншуда. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор чорабиниҳо оид ба васеъ гардонидани пояи ашёҳои минералӣ пиёда карда мешаванд ва натоиҷи зарурӣ ба даст оварда шудаанд.

Дар барномаи давлатӣ оид ба омӯзиш ва баҳодиҳии захираҳои металлҳои камёфт барои солҳои 2016-2026 меъёрҳои муайянкунӣ оид ба «омӯзиши зуҳуроти металлҳои камёфту нодири Тоҷикистон» ба амал баровarда мешаванд. Дар ин самт омӯзиш ва ошкор намудани зуҳуроти нави ин маъданҳо ва омӯзиши таркиби минералогӣ-геокимиёвӣ, пайдоиши онҳо ва масоили геоэкологии истифодаи самараноки онҳо яке аз вазифаҳои ояндадор маҳсуб меёбанд, ки назди соҳаҳои мухталифи геологияи кишвар истодаанд.

Таҳқиқоти мазкур баҳри дар сатҳи зарурӣ иҷроиши вазифаҳое, ки дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 январи соли 2022, таҳти №309 «Оид ба эъломи солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2011 №599 «Оид ба тасдиқи барномаи давлатии тараққиёти соҳаи геологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бармеояд, ба роҳ монда шудааст.

Муҳтавои диссертатсия ба банди 7-и самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, №503 тасдиқ карда шудаанд, мутобиқат менамояд.

Маводи диссертатсионӣ, натиҷаҳои асосӣ ва хулосаҳои он дар асарҳои чопшудаи довталаб – 5 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд ва 2 мақола дар маводи конференсияҳои илмӣ рӯйи чоп омадаанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо тавсифи онҳо дар конференсияи байналмиллалӣ, семинарҳои илмии дар доираи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон асоснок карда шудаанд. Маводи аслии унвонҷӯ ҳангоми омӯзиши саҳроии зуҳурот ҷамъоварӣ шуда, маълумот аз усулҳои муосири лабораторӣ ва таҳлилии намунаҳои хок, ҷинсҳо, маъданҳо ва минералҳо, усулҳои коркарди маълумоти оморӣ ва математикӣ, нашри натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда асос ёфтаанд.

Бо назардошти мутобиқати таҳқиқоти диссертатсионии Сафари Нусратулло дар мавзуйи “Асосноккунии геоэкологӣ, бехатар ҷойгиронӣ, нигоҳдорӣ ва дафни партовҳои саноати кӯҳии майдони маъдании Чоре (Тоҷикистони Марказӣ) ” ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Комиссияи экспертӣ чунин

**қарор мекунад:**

1.Кори диссертатсионии Сафари Нусратулло барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6DКОА-057-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, аз руйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01 – Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия қабул карда шавад.

2.Ба сифати муқарризони расмии диссертатсияи Сафари Нусратулло номзадии мутахассисони зерин пешниҳод карда шавад.

Абдураҳимов С. Я. - доктори илмҳои геология ва минералогия. профессори кафедраи географияи табиӣ, мудири лабораторияи офатҳои техногенӣ-табиии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров;

Ятимзода С. Б. – номзади илмҳои геология ва минералогия, мутахассиси пешбари Раёсати илм ва иноватсияи Вазорати маориф ва илми ҶТ.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ҳамчун муассиси пешбар пешниҳод карда шавад.

1. Ба довталаб Сафари Нусратулло барои гузоштани эълони ҳимояи диссертатсия, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Институти геология, сохтмон ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
2. Ба довталаб Сафари Нусратулло иҷозати нашр ва паҳнкунии автореферат дода шавад.

Раиси Комиссияи экспертӣ
доктори илмҳои географӣ, профессор — У. И. Муртазоев

узви Комиссия:
номзади илмҳои геология ва минералогия — М. Л. Гадоев

узви Комиссия:
номзади илмҳои геология ва минералогия — Ф. Г. Ғафуров

Имзоҳои Муртазоев У.И., д.и.г, Гадоев М.Л., н.и.г.- м. ва Ғафуров Ф.Г., н.и.г.- м. – ро тасдиқ менамоям.

Нозири калони шуъбаи кадрҳои ИГСЗТС АМИТ — З. Юсупова